***ТДУ 82.09(575.3)***
***ТКБ 83.3(0)9***




| | |
|---|---|
| ***САРЧАШМАҲОИ АСОСИИ ОМӮЗИШИ ЗИНДАГИИ ҚОСИМИ АНВОР*** | ***Саидов Исмоил Холмаҳмадович,*** *докторант (phd)-и ихтисоси адабиётшиносии кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» ( Тоҷикистон, Хуҷанд)* |
| ***ОСНОВНЫЕ ИСТОЧНИКИ ИССЛЕДОВАНИЯ ЖИЗНЬ КОСИМА АНВОРА*** | ***Саидов Исмоил Холмахмадович,*** *докторант (phd) специалтности литературоведении кафедры таджикской классической литературы ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)* |
| ***MAIN SOURCES OF LEARNING KOSIM ANWAR`S LIFE*** | ***Saidov Ismoil Kholmahmadovich,*** *PhD student of the department of Tajik classical literature under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),**E-mail:** uchzaphgu@mail.ru* |

***Вожаҳои калидӣ:*** *Қосими Анвор, тарҷумаи ҳол, сарчашмашиносӣ, тазкира, тазкиранигорӣ, таърихнома*

*Дар мақола муҳимтарин сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ва илмӣ барои омӯзиши дақиқи тарҷумаи ҳоли шоиру орифи қарни XIV- XV Қосим Анвор (1356–1433) аввал дастабандӣ гашта, дар алоҳидагӣ мавриди муаррифӣ қарор гирифта, маълумоту асноди шарҳиҳолии онҳо аз рӯйи сабқати замон ба таҳқиқи автобиографӣ кашида шудаанд. Таҳлили маводи сарчашмаҳо, хусусан тазкираҳо собит менамояд, ки бештари маълумоти онҳо дар мавриди солу макони таваллуд, сафарҳо ва асноди боқимондаи шарҳиҳолии шоир такрор ва гоҳе ихтилофноканд. Бо вуҷуди ин ҳам, бар асоси иттилои сарчашмаҳо ва муқоисаи илмии онҳо аз нав навиштани тарҷумаи ҳоли нисбатан дақиқи шоир имкон дорад.*

***Ключевые слова:*** *Косим Анвор, биография, источниковедения, аннтология, написание анталогии, истори*

*В статье рассматриваются важнейшие литературные, исторические и научные источники для детального изучения биографии персидско-таджикского поэта и мистика XIV-XV веков Косима Анвора (1356–1433).Эти источники сгруппированы автором и представлены отдельно, а их описательные данные и материалы в хронологическом порядке подвергались биографическому исследованию.Анализ источников, особенно антологий(тезкире), показывает, что большая часть их информации о дате и месте рождения, путешествиях и прочей сведении биографии поэта повторяется и иногда противоречит. Однако можно сделать вывод, что на основе сведений источников и их научного сопоставления можно переписать более точную биографию поэта.*

***Key words:*** *Kosim Anvor, biography, source study, anthology, writing an anthology, history*

*The article dwells on the most important literary, historical and scientific sources for a detailed study of the biography of the Persian-Tajik poet and mystic of the XIV-XV centuries Kosim Anvor (1356-1433). These sources are grouped by the author and presented separately, and their descriptive data and materials in chronological order were subjected to An analysis of sources, especially anthologies (nameskire), shows that most of their information about the date and place of birth, travels and other information about the poet's biography is repeated and sometimes contradicts. However, we can conclude that on the basis of information from sources and their scientific comparison, it is possible to rewrite a more accurate biography of the poet.*

Омӯзиши ҳаматарафаи масъалаҳои тарҷумаиҳолӣ ва осори адабии пурраву мукаммал омӯхтанашудаи шоирони классик ҳамон вақт муяссар мешавад, ки муҳаққиқ ба муҳимтарин сарчашмаҳои адабиву таърихӣ дастрасӣ доштаву онҳоро бо маводи илмии муосир мавриди муқоиса қарор дода, дар охир ба натиҷаҳои илмии дақиқу амиқ бирасад.

Дар ин мақола кӯшиш ба харҷ рафтааст то ба зиндагиномаи шоири ориф Қосими Анвор, ки охирҳои қарнҳои XIV-XV зиставу эҷод кардааст, бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ва мақолоту пажӯҳишоти муҳаққиқони муосир нигоҳи тозаи илмӣ андохта шавад.

То он ҷое, ки ҷустуҷӯҳо нишон дод, дар Тоҷикистон омӯзиши пурраву дақиқи рӯзгору осори ин шоир нахуст аз намунаи назми форсу тоҷик – «Гулшани адаб [4, с.83-93] ва мақолаи кӯтоҳи донишномавии С. Воҳидов [7, с.314] оғоз шудааст.

Дар даврони Истиқлолият адабиётшинос Ш.Тоҷибоев дар пешгуфторе, ки бар «Анис-ул-орифин»-и Қосими Анвор навиштааст, доир ба зиндагӣ ва осори шоир маълумоти нисбатан муфассали илмӣ додааст. Чанд намунаи аз рубоиёти шоир дар «Баёзи рубоӣ» [2, с.78-81] низ дарҷ шудаанд.

Ба ҷуз навиштаҳои илмии мазкур ва нашри осор дар бораи тарҷумаи ҳоли Қосими Анвор ва меросии адабии вай дар адабиётшиносии ватанӣ тадқиқоти алоҳидае сурат нагирифтааст.

Сарчашмаҳои дарбаргирандаи ному осори Қосим Анворро аз рӯи муҳтаво ва мақсади таълиф ба адабӣ, адабӣ-ирфонӣ, таърихӣ ва илмӣ ҷудо кардан мумкин аст.

***I. Сарчашмаҳои адабӣ, адабӣ-ирфонӣ, таърихӣ.*** Ин сарчашмаҳоро метавон ба се даста ҷудо намуд:

*1.* ***Сарчашмаҳои адабӣ****.* Ин қисм фарогири чунин асарҳост: «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Латоифнома»-и Султонмуҳаммад Фахрии Ҳиравӣ, тарҷумаи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишер Навоӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Тазкираи Ҳусайнӣ»-и Мирҳусайни Дӯст «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Риёз-ус-сайёҳат»-и Зайнулобуддин Искандар Тамкини Шарвонӣ, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Муҳаммад Қудратуллоҳи Гупомуӣ, «Шамъи анҷуман»-и Саидмуҳаммади Сиддиқ, «Тароиқ-ул-ҳақоиқ»-и Мирзомаъсум Маъсумалӣ ибни Раҳматуллоҳи Неъматуллоҳи Шерозӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳаммад Абдулғанихони Ғанӣ ва «Тазкираи шуарои Озарбойҷон».

*2.* ***Сарчашмаҳои адабӣ-ирфонӣ.*** Ба ин бахш «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Силсилат-ул-орифин»-и Бурҳонуддин ибни Муҳаммадризои Самарқандӣ, «Суллам-ус-самовот»-и Шайх Абулқосим ибни Абӯҳомид, «Равзат-ус-суфия»-и Мирзобек ибни Ҳасани Ҳусайнӣ, «Сафинат-ул-авлиё»-и Дорошукӯҳи Қодирӣ – писари Шоҳиҷаҳон, «Силсилат-ун-насаби суфия»-и Шайх Ҳусайн ибни Шайх Абдол Пирзодаи Зоҳидӣ, «Риёз-ул-орифин»-и Ризоқулихон Ҳидоят, «Хазинат-ул-асфиё»-и Муфтӣ Ғуломсарвари Лоҳурӣ шомил мешаванд.

*3.* ***Сарчашмаҳои таърихӣ.*** Ба ин қисмат китоби «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн»-и таърихнигор Камолуддин Абдурраззоқи Самарқандӣ, «Аҳсан-ут-таворих»-и Ҳасанбеки Ромлу, «Хулосат-ут-таворих»-и Қозӣ Аҳмад ибни Шарофуддин Ҳусайнӣ ва «Ҳабиб-ус-сияр»-и Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддини Ҳиравӣ маъруф ба Хондамир дохил мешаванд.

***II.Сарчашмаҳои илмӣ.*** Ба ин қисм «Фарҳанги суханварон», «Таърихи адабиёти Эрон»-и Эдуард Браун (ба форсӣ тарҷумаи В.Ф. Бучнер дар «Доирату-л-маорифи ислом»), «Донишмандони Озарбойҷон»-и Муҳаммадалии Тарбият, «Луғатнома»-и Алиакбари Деҳхудо, «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳ Сафо, пешгуфтори Саид Нафисӣ бар «Куллиёт»-и Қосими Анвор, «Асарофаринон»-и Ҳусайн Муҳаддисзода ворид мешаванд.

Бар асоси сарчашмаҳои муаррифишуда ҳаллу фасли масъалаҳои зиндагиномаи шоир – номи пурра, санаи таваллуд, зодгоҳ, сафарҳо, гароиш ба тариқат, иртибот бо ҳамзамононаш, шогирдон ва мактаби илмӣ, шуҳрати шоир, вафоти Қосими Анвор омили муҳими самаранокии илмии зиндагиноманависӣ ба ҳисоб меравад.

Ному насаби пурраи шоир дар сарчашмаҳо гуногун ба қайд омадааст. Камолуддин Абдурраззоқ ва Давлатшоҳи Самарқандӣ шоирро «*Саййид Қосим*» [10, с.114; 12, с.326] ва Абдурраҳмони Ҷомӣ *«Амир Саид Қосими Табрезӣ»* муаррифӣ кардаанд. Бештари сарчашмаҳо гунаи ихтисории ному насаби шоир – «Саййид Қосим»-ро [19, с.689; 6, с.182; 8, с.236] ба кор бурдаанд. Ба номи шоир «Мир»-ро низ илова намудаанд **[**6**, с.**184].

Ризоқулихони Ҳидоят ному насаб ва тахаллуси нисбатан пурраи шоирро ба ин тартиб овардааст: «Қосими Табрезӣ, нуввираллоҳу руҳуҳу, номи шарифи он ҷаноб Саййид Муинуддин Алӣ аз шайхи худ «Қосиму-л-анвор» лақаб ёфта ва дар ашъораш «Қосимӣ» тахаллус фармуд [17, с.323]. Аз ин маълумот бармеояд, ки исми пурраи шоир «Саййид Муинуддин Алӣ мутахаллис ба Қосим ё Қосимӣ» буда аст.

Дар баробари сарчашмаҳои мазкур барои муаррифии шоир беҳтарин сарчашма «асноди худи адиб ба ҳисоб меравад» [15, с.4]. Тибқи таъкиди худи шоир дар муқаддимаи мансури маснавии «Анис-ул-орифин» ному насаби пурраааш – Алӣ ибни Носир ибни Ҳорун ибни Абилқосим ал-Ҳусайнӣ ат-Табрезӣ ал-машҳур ба Қосимӣ буда, Алӣ номи аслиаш ва Қосимӣ тахаллуси ӯ будааст. Ва баъдан ба сари номи шоир Мир ва Саййидро илова намудаанд, ки ин андешаро муҳаққиқ Ш. Тоҷибоев чунин таъкид намудааст: «Дар баъзе маъхазҳо номашро ба лақабаш якҷо оварда, Муинуддин Алӣ гуфтаанд ва дар садри он «Саййид»-ро илова намудаанд. Илҳоқи барчаспи «Саййид» гувоҳ бар он аст, ки аз авлоди паёмбари акрам (с) ва меҳтари тариқат будааст» [15, с.4].

***Таърихи таваллуди шоир***. Аз баррасии сарчашмаҳои адабӣ маълум гардид, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ бори аввал аз соли таваллуди шоир иттилоъ додааст. Вай дар «Тазкирату-ш-шуаро» соли таваллуди шоирро 755/1354 донистааст. Ризоқулихони Ҳидоят ин санаро нахуст дар «Риёз-ул-орифин» ва сипас дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» 757/1356 овардааст [17, с.27]. Сарчашмаҳои дигар, ки баъд аз асарҳои зикргардида таълиф шудаанд, асосан андешаи Ризоқулихони Ҳидоятро санад қарор додаанд.

Мурур ба сарчашмаҳои илмӣ нишон дод, муҳаққиқони муосир ҷонибдори санади Ризоқулихони Ҳидоятанд. Аз ҷумла, Саид Нафисӣ низ ин андешаро таъкид намуда, бар он назар аст, ки шоир наздик ба навад сол умр дидааст [9,с.63]. Саид Нафисӣ аввалин иттилоъдиҳандаи соли таваллуди шоирро Ризоқулихони Ҳидоят медонад, на Давлатшоҳи Самарқандӣ.

Шояд аз тарафи муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» саҳеҳ оварда нашудани таърихи таваллуди шоир сабаби худдории Саид Нафисӣ аз зикри номи ӯ шуда бошад. Пас маълум мешавад, ки Қосими Анвор ба соли 757/1356 таваллуд шудааст [3, с.627; 5, с.17322; 9, с.62; 1, с.322; 15, с. 4]. *Макони таваллуди шоир* низ баҳсбарангез аст, зеро дар ин бобат сарчашмаҳо ба се даста ҷудо мешаванд. Баъзе макони таваллуди шоирро Сурхоби Табрез медонанд: «Асли ҳазрати сиёдатмаоби маорифдастгоҳӣ аз Озарбойҷон аст ва маншаъу мавлиди муборакаш вилояти Сурхоби Табрез аст» [12, с.544]. Гурӯҳи дувум, ки асосианд, Сароби Табрез [6, с.183; 5, с.17322; 10, с.62; 1, с.322; 15, с.4] медонанд. Сарчашмаҳои дигар бо такя ба табрезиасл буданаш танҳо аз Табрез ва дар баъзе маврид Табрези Озарбойҷон таъкид кардаанд. «Асли он сиёдатмаоб аз Озарбойҷон аст, мавлид ва маншаъ Табрез [10, с.308]. Абдурраҳмони Ҷомӣ низ Қосими Анворро Табрезӣ зикр намудааст: «Амир Саййид Қосими Табрезӣ қаддассаллоҳ сирру дар авоили иродат ба – Шайх Садруддини Ардабилӣ, раҳматуллоҳи доштааст [19, с.689]. Баъдан сарчашмаҳои дигар ин санаро тасдиқ кардаанд.

Муаллифони сарчашмаҳо дар баъзе маврид бидуни номи Табрез танҳо бо зикри Озарбойҷон аз макони таваллуди шоир ёдовар мешаванд: «Маҳрами равзаи асрор, Шоҳ Қосими Анвор - дурри дарёи ҳақиқат ва сайёҳи водии тариқат буд. Аслаш аз Озарбойҷон аст, баъд аз такмили хеш, майли Ҳирот фармуд ва аксар аз ашрофи он ҷо муриду мутафиқи ӯ гаштанд [11, с.51; 10, с.427].

Сафарҳои шоир басо тӯлонӣ буда ҳар сарчашмае дар худ як ё ду сафари ӯро ба ин ё он шаҳре зикр намудаанд. Нахустин сарчашмаи зиндагиномаи шоир баъд аз осораш ин – «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн»-и Камолиддин Абдурраззоқи Самарқандист, ки менигорад: «Ба сабаби ин ки Бойсанғур Мирзо нисбати Саид Қосим эҳтиром дошт, ҳукми ихроҷи ӯро фармуд ва ҷаноби Саид ба ҷониби Самарқанд азимат намуданд шаммаеро аз шикоёти ин ҳикоят ба нозукадоӣ мефармояд, матлааш ин аст:

***Эй ошиқон, эй ошиқон, ҳангоми он шуд к-аз ҷаҳон,***
***Мурғи дилам тайрон кунад болои ҳафтум осмон.***

Ва дар тахаллус мегӯяд:

***Қосим, сухан кӯтоҳ кун, бархезу азми роҳ кун,***
***Шаккар бари тӯтӣ фикан, мурдор пеши каргасон»*** *[12, с.114-115].*

Дар «Тазкитар-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ чанд мавриди сафари шоир зикр гардидааст. Нахуст сафари шоир ба Самарқанд ва баъд аз он ба шаҳрҳои дигар пасиҳам оварда шудааст, ки рабт ба андешаи Абдураззоқи Самарқандӣ дорад: «Амир Саййид Қосим шоҳзодаро таҳсин фармуд ва дуо кард, филҳол улоғ ҳозир кард ва акобир имдод намуданд ва ба тарафи *Балх* ва *Самарқанд* равона шуд» [10, с.321].

Ҳамчунин дар идома аз сафарҳояш ба дигар шаҳрҳо ёдовар мешавад: «Шайх азимати *Гелон* намуда ва муддате дар он диёр ба сар бурда ва ташнагони бодияи талабро ба зулоли ирфон сероб месохт, то сити фазилат ва овозаи камоли ӯ ба атрофу акнофи олам расид, қасди *Хуросон* кард ва дар *Нишопур* якчанде сокин шуд» [10, с.323-324].

Дар «Сафинат-ул-авлиё» Дорушукӯҳ Қодирӣ аз сафари шоир ба Анпура ёдовар мешавад «ва дар навоҳии Анпура ҳазрати Хоҷа Баҳоуддини Нақшбандро диданд ва ба эшон суҳбат доштан» [6, с.308].

Бино ба таъкиди Мударриси Табрезӣ Қосими Анвор «чаҳор маротиба пиёда ба Ҳаҷ рафт ва дар ду маротибаи он пои бараҳна буд ва гӯянд (вал уҳдату алайҳим) дар сисолагӣ бад-ӯ ифозаи илм шуда, чунончи худаш гӯяд:

***Мароо илми азал дар сина доданд,***
***Аҷаб илме, вале дарсе надоданд.***

*Маро сисола ҳоле гашт маълум,*
*Ки шайхи чилларо дар сӣ нadоданд»* [14, с.602].

Пас маълум мегардад, ки шоир ба ин шаҳрҳо сафар кардааст. Ҳирот, Самарқанд, Балх, Гелон, Нишопур, Анпура, инчунин дар аснои сафари ҳаҷ аз шаҳрҳои дигар низ дидан кардааст. Бояд ёдовар шуд, ки шоир дар баробари ин сафарҳо ба ҳар шаҳру навоҳӣ бо бузургони он сарзамин суҳбат намуда, ба шогирдиашон нишаста ва дар баъзе маврид аз файзи дониши худ сокинони онро баҳравар намудааст. Дар мисоли сафари шоир ба шаҳри Самарқанд: «Чун Ҳазрат ба Самарқанд даромад, чунон иттифоқ афтод, ки аз назди қалъа мегузашт ва дохили қалъа шуд ва бо Шоҳзода (Улуғбек И.С.) суҳбат дошт ва ӯ ба он ҳазрат алоқаи хуб дошт» [17, с.602].

Шоир бо машоихи замони худ хуб муносибат дошт ва ин нуктаро Ҷомӣ чунин таъкид кардааст: «Дар авоили иродат ба – Шайх Садруддини Ардабилӣ, раҳматуллоҳи доштааст ва баъд аз он ба суҳбати Шайх Садруддин Алии Яманӣ, ки вай аз асҳоби Авҳадуддини Кирмонӣ буда, қаддассаллоҳу руҳуҳумо, расида ва нисбати иродати вайро ба хатти баъзе муътақидони вай дидам. Дар он ҷо Шайх Садруддини Алии Яманӣ мазкур буд, на Шайх Садруддини Ардабилӣ ва чунин истимоъ афтода, ки хидмати Саййид, қуддисса сирруҳ, Шайх Садруддин Алии Яманиро меписандида» [19, с.689]. Аз гуфтаи Ҷомӣ маълум мегардад, ки Қосими Анвор нахуст шогирди Садруддини Ардабилӣ буда, пас аз он муриди Садруддин Алии Яманӣ шудааст.

Инчунин бо суҳбати Шайх Зайнуддин Хофӣ, Баҳоуддини Нақшбанд ва Шоҳ Неъматуллоҳи Валии Моҳонӣ низ расидааст. Дар иродатмандиаш бо бузургони он рӯзгор дар Латоифнома чунин омадааст «ба суҳбати Шайх Зайниддини Хофӣ рафт ва чанд муддат бо ӯ буд [18, с.183]. Илмҳои замонашро аз ин бузургон омӯхта ва ба тарбияи муридон низ пардохтааст.

Дар баробари сафарҳо ва такмили донишу ҷаҳонбинӣ шоир ба шуҳрат расида, ки дар ин маврид суханони Давлатшоҳи Самарқандӣ ба ёд мерасад: «Дурри дарёи ҳақиқат ва сайёҳ ба водии тариқат буда. Шоҳбози қазои лоҳут ва орифи олами мулку малакут аст. Хотири файёзи ӯ мифтоҳи кунузи ҳақоиқ аст ва каломи муъҷазбаёну муътабари ӯ ганҷи румузу дақоиқ [10, с.324]. Ҷои дигар мегӯяд «ба иҷозати ҳазрати Шайх (Садруддини Ардабилӣ – И.С.) азимати Гелон намуда ва муддате дар он диёр ба сар бурда ва ташнагони бодияи талабро ба зулоли ирфон сероб месохт, то сити фазилат ва овозаи камоли ӯ ба атрофу акнофи олам расид, қасди Хуросон кард ва дар Нишопур якчанде сокин шуд. Уламои зоҳирии Хуросон ба эътирози ҳазрати Саййид бархостанд» [10, с.323-324]. Ба андешаи Давлатшоҳ яке аз сабабҳои аз як шаҳр ба шаҳри дигар рафтани шоир гӯё аз ҳасодати ҳосидон бошад. Вале далели дигар ин аст, ки аслан машоих аз як шаҳр ба шаҳри дигар мерафтанд ва ин гуна сафар ба расмият даромада буд.

*Дар ситоиши шоир* дар «Латоифнома»-и Султон Муҳаммад Фаҳрии Ҳиравӣ – тарҷумаи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, дар биҳишти аввали омадааст: «Аълам ва ақдам ва афзалу акмали эшон, амиру сарҳалқаи дарвешон солики атвору кошифи асрор, зубдаи ол, сайиди аброр, Амир Қосими Анвор аст. Ва пояи қадри ӯ баландтар аст ва шоири дуни қадари оли ӯст. Лекин чун дар боби назму ҳақоиқу кашфу асрор ва дақоиқ қудрати тамом ва қуввати беанҷом дошт. Лоҷарам дар ин мухтасар номи шарифи ӯ аввал мазкур гашт, шояд, ки ба баракати исми шарифи ӯ ин тарҷума машҳур гардад ва мақбули назари кимёиасари аҳли назар шавад» [18, с.182].

Ин шуҳрат боис шуда, ки Қосим муридони зиёд пайдо намояд. Зеро ба ин нукта Абдурраҳмони Ҷомӣ ишора кардааст. «Аҳли рӯзгор дар қабул ва инкори вай ду фирқаанд ва аз вай ду асар мондааст. Якум девони ашъори муштамил бар ҳақоиқ ва асрори вай, ки анвори кашфу ирфон ва осори завқу виҷдон аз он зоҳир аст. Дигар ҷамоате, ки худро мансуб ба вай медонанд» [19, с.690]. Пас аз он ки чанде дар Гелон иқомат намуд ба Хуросон рафт ва дар Ҳирот сокин шуд ва он дар замони султон Темур ва фарзандаш Шохрух аст. Дар он ҷо муридон ва шогирдони бисёр аз атроф ба назди вай ҷамъ омаданд ва ба қадре дорои нуфуз ва азамат гардид, ки шоҳро тахти шиори худ қарор дод [18, с.183].

*Муридони ва пайравони Қосими Анвор.* Дар «Латоифнома» як қисми масъалаи баррасишаванда пайравии Қосими Анвор ба дигарон бошад, қисми дигари он пайравии дигарон бар Қосими Анвор ба шумор меравад, ки пештар расидагиашро ба суҳбати Шайх Зайниддини Хофӣ зикр намудем. Аз шогирдони Қосим бошад, «Ҳазрати Хоҷа Абдуллоҳи Самарқандӣ, ки қутби вақти худ буд, ин қутбият ва сарбаландӣ аз хидмат ва назари кимёасари Мир ёфт» [18, с.183]. Пайрваи дигари ин шоир Мир Махдум мебошад: «Мир Махдумро ҳазрати Мир Қосими Анвор тарбият намуда ва ӯро ба фарзандӣ қабул фармуда ва чун хидмати Мир

некӯ менамуд ба муқтазои ман худам худам номи ӯро Мир Махдум фармуда ва Мир Махдум кӯчактарин бародарон буд, вале аз баракати тарбияти Мир Қосим ин бузургӣ ёфт, ки ба Махдумӣ мақбули ҳама кас гашт ва Мир Махдум шеър мегуфт» [18, с.184].

Ҳамчунин яке аз шогирдони дигари Қосим, ки Ҳофизи Саъд ном дошт, ба бебокӣ машҳур буда, чунин оврда мешавад: «Ҳофизи Саъд аз ҷумлаи муридони Мир Қосими Анвор аст. Валекин чун бебок буда ва пок набуда Мир ӯро аз хонақоҳ берун карда ва фармуда, ки хоки нопоки ҳуҷраи ӯро аз хонақоҳ пок кунанд.... Ва Ҳофизи Саъд дар он замон аз дарди ҳирмону сӯзи ҳиҷрон мурд ва ҷон аз ҳаҷр набурд ва қабри ӯ маълум нест» [18, с.186].

*Санаи вафоти* шоир дар сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва илмӣ се тарз солгузорӣ гардидааст:

а) Соли 837/1433 – Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс», Дорушшукӯҳ дар «Сафинат-ул-авлиё», Эдуард Браун дар «Таърихи адабиёти Эрон» (19, с.593-594; 6, с.152; 5, с.536);

б) Соли 835/1431 – Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» [10, с.324], Амир Шералихон Лудӣ дар «Миръот-ул-хаёл» 835/1431;

в) Соли 835 ё 837 ё 838 ҳ.қ. – Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷма-ул-фусаҳо», [17, с.27], соли 835 ё 838 ҳ.қ. – Муҳаммадалии Мударриси Табрезӣ дар «Райҳонат-ул-адаб».

Соли вафоти шоирро бештари сарчашмаҳо 837/1433 тасдиқ кардаанд, ки дар боло зикр гардид. Марқади шоир дар Харҷурди Ҷом аст ва бунёди марқади шоир аз тарафи Алишери Навоӣ будааст [10, с.324].

Дар охир метавон таъкид сохт, ки Қосими Анвор соли 757/1356 дар Сароби Табрез таваллуд шудааст ва номи пурраи шоир Алӣ ибни Носир ибни Ҳорун ибни Абилқосим ал-Ҳусайнӣ ат-Табрезӣ ва машҳур ба Қосими Анвор буда, ҷиҳати эҳтирому эътиқод бар аввали номи ӯ Саид ва Мирро илова намудаанд.

*Сафарҳои шоир* чунин сурат гирифтааст, Балх, Самарқанд, Гелон, Нишопур ва Анпура. Сипас дар бозгашт дар Харҷурди Ҷом иқомат ихтиёр намуд ва дар ҳамон ҷо вафот кард. Дар аснои сафар асосан шоир аз пирони тариқат касби илм намудааст ва худи ӯ низ дар қатори машоихи беҳтарин шомил аст.

Аз машоихи машҳури замонаш, ки касби илм намуда ва ба суҳбаташон расидааст, Шайх Садруддини Ардабилӣ, Садруддин Алии Яманӣ, Шайх Зайнуддини Хофӣ ва Баҳоуддини Нақшбанд мебошанд ва муридони Қосими Анвор, ки эътироф шудаанд, Мир Махдум, Хоҷа Абдуллоҳи Самарқандӣ ва Ҳофизи Саъд мебошанд.

Қосими Анвор яке аз орифони шоир буда, дар замони зиндагии худ бо офаридани асарҳои назмиву насрии худ мақоми хосаро дар адабиёти форсу тоҷик пайдо намуда, аз мероси гаронмояаш шоирони баъдӣ суд ҷустаанд ва аҳли ҳунару адаб ком ширин намудаанд. Ба далели ин ки дар як мақола баҳси зиндагинома ва мероси адабии шоир зиёд буд, мероси адабиаш дар мақолаи алоҳидае баррасӣ хоҳад шуд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Асарофаринон. Зери назари доктор Муҳаммадризо Носирӣ. – Теҳрон, 1384. Ҷ.4. – 378 с.
2. Баёзи рубоӣ (аз эҷодиёти шифоҳии мардум, адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик). Гирдоваранда Абдулло Ёров. Нашри дуюм. – Душанбе: Донишварон, 2017. – 400 с.
3. Браун, Э. Таърихи адабиёти Эрон (аз Саъдӣ то Ҷомӣ) Ҷ.3. / Э.Браун. –Теҳрон, 1327.
4. Гулшани адаб. Намунаҳои назми форсу тоҷик. Ҷ.3. –Душанбе: Ирфон, 1976. – 384 с.
5. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома: иборат аз 15 Ҷ. Чопи дуввум аз давраи ҷадид. Зери назари Муҳаммад Муин, Саййид Ҷаъфар Шаҳидӣ /А.Деҳхудо. –Теҳрон: Сипеҳр, 1377. – 1706 с.-12 ҷ.
6. Дорошукӯҳ, Муҳаммад. Сафинат-ул-авлиё. Таҳияи матн, тавзеҳ ва муқаддимаи Иззатбек Шехимов / Муҳаммад Дорошукӯҳ. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 390 с.
7. Воҳидов, С. Қосими Анвор / Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.Ҷ.3. / С. Воҳидов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1988. –С.314.
8. Лудӣ, Шералихон. Миръот-ул-хаёл. Ба эҳтимоми Ҳамид Ҳусайнӣ. Шералихони Лудӣ. – Теҳрон, 1377. – 394 с.
9. Нафисӣ, Саид. Пешгуфтор / Қосими Анвор. Куллиёт. Бо тасҳеҳ ва муқобала ва муқаддимаи /Саид Нафисӣ. –Теҳрон: Саноӣ, 1337. –С.3-112.
10. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. Пешгуфтори Фахриддин Насриддинов / Давлатшоҳи Самарқандӣ/Д.Самарқандӣ. –Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.
11. Самарқандӣ, Муҳаммад ибни Бурҳониддин. Силсилат-ул-орифин/ Муҳаммад ибни Бурҳониддини Самарқандӣ. –Теҳрон, 1388. – 468 с.

12. Самарқандӣ, Камолиддин Абдураззоқ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷма-ул-баҳрайн. Камолиддин Абдураззоқи Самарқандӣ. – Калкута, 1859. – 678 с.
13. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон (аз авоили қарни ҳаштум то поёни қарни нуҳуми ҳиҷрӣ). Ҷ.4. -Теҳрон: Фирдавсӣ, 1364. – 626 с.
14. Табрезӣ, Муҳаммадалии Мударрис. Райҳонат-ул-адаб. [Матн]. Муҳаммадалии Мударриси Табрезӣ. – Теҳрон: Хайём, 1374. – 908 с.
15. Тоҷибоев, Ш. Муқаддима / Ш.Тоҷибоев// Қосими Анвор. Анис-ул-орифин (бо инзимони маснавиҳои дигар). Бо пешгуфтор, тавзеҳот, феҳрист ва луғатномаи Ш.Тоҷибоев. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – С. 3-17.
16. Тоҷибоев, Ш. Андешае чанд оид ба маснавиҳои хурдҳаҷми Қосими Анвор /Ш.Тоҷибоев// Номаи донишгоҳ.Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – № 3(44) 2015, Хуҷанд. – С.97-101.
17. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин.Ба кӯшиши Меҳралии Гургонӣ / Р.Ҳидоят. - Теҳрон, 1317. – 647 с.
18. Ҳиравӣ, Фахриддин. Латоифнома. Султон Муҳаммад /Фахрии Ҳиравӣ.-Теҳрон,1323. – 468 с.
19. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазароти-л-қудс.Тасҳеҳи Мавлавии Ғуломалӣ ва Мавлавӣ Абдулҳамид / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Калкута: Лисоӣ, 1858. – 878 с.

**REFERENCES:**

1. Creators. Under the editorship of Dr. Muhammadrizo Nosiri. - Tehran, 1384. -V.4. - 378 p.
2. Fox fur (from folklore, classical and modern Tajik literature). Collected by Abdullo Yorov. Second edition. - Dushanbe: Donishvaron, 2017. - 400 p.
3. Brown, Edward. The History of Iranian Literature (from Saadi to Jami). -V.3. / Edward Brown. - Tehran, 1327.
4. Gulshani Adab. Patterns of Persian-Tajik Poetry Referring to the XIV-th – the XV-th Centuries. The third volume. - Dushanbe: Cognition, 1976. - 384 p.
5. Dehkhudo, Aliakbar. Dictionary [Text; description]: consists of 15 volumes. L.12 (KURAJ-GINO). The second Edition of the new period. Under the editorship of Muhammad Muin, Sayyid Jafar Shahidi / Aliakbar Dehkhudo. –Tehran: Sipehr, 1377. - 1706 p.
6. Doroshukuhi, Muhammad. Safinat-ul-Awliyya. Text development, commentary and introduction by Izzatbek Shekhimov / Muhammad Doroshuku. - Khujand: Publisher, 2019. - 390 p.
7. Vohidov, S. Kosimi Anwar / Encyclopedia of Tajik Literature and Art. - L.3. / S. Vohidov. – Dushanbe: Centre of Scientific Editor of the Tajik Soviet Encyclopedia, 1988. - P.314.
8. Ludi, Sheralihon. Mirat-ul-Khayal. Under the editorship of Hamid Hussaini. Sherali Khan Ludi. – Tehran, 1377. - 394 p.
9. Nafisi, Said. Foreword / Kasim Anwar. Collection of compositions. With corrections and contradictions and introduction by Said Nafisi. - Tehran: Sanoi, 1337. - P. 3 - 112.
10. Samarkand, Davlatshah. Tazkirat-ush-shuaro. Prepared by Mukhlisa Nurulloeva. Foreword by Fakhriddin Nasriddinov / Samarkand State / D.Samarkandi. –Khujand: Publisher, 2015. - 544 p.
11. Samarkand, Muhammad ibn Burhaniddin. Silsilat-ul-Arifin / Muhammad ibn Burhanuddini Samarkand. –Tehran, 1388. - 468 p.
12. Samarkand, Kamoliddin Abdurazzak. Matla-us-Sa'dain and Majma-ul-Bahrain. Kamoliddin Abdurazzaki Samarkand. - Calcutta, 1859. - 678 p.
13. Safo, Zabenullah. The History of Literature in Iran (from the beginning of the VIII-th century to the end of the IX-th century AH). Lj.4. −Tehran: Firdawsi, 1364. - 626 p.
14. Tabrezi, Muhammadali Mudarris. Rayhonat-ul-adab. [Text]. Muhammadali Mudarris of Tabriz. - Tehran: Khayyam, 1374. - 908 p.
15. Toljiboev Sharifjon. Introduction // Kosimi Anwar. Anis-ul-Arifin (with other Masnavi). Foreword, explanations, catalog and dictionary by Sh. Tojiboev. - Khujand: Publisher, 2008. - P. 3-17.
16. Toljiboev, Sharifjon. A Few Thoughts on Kosimi Anwar`s Short Essays // Scientific Notes of KhSU. Series of humanities and social sciences. - № 3 (44) 2015, Khujand. - P. 97 - 101.
17. Hidayat, Rizoqulikhon. Riyaz-ul-Arifin [Text]: under the editorship of Mehrali Gurgoni / Rizaqulikhon Khidoyat. - Tehran, 1317. - 647 p.
18. Hiravi, Fakhriddin. Latoif-Name. Sultan Muhammad Fakhri Hiravi. - Tehran, 1323. - 468 p.
19. Jomi, Abdurrahman. Nafahat-ul-uns min hazarati-l-quds [Text]: Corrected by Mawlawi Ghulamali and Mawlavi Abdulhamid / Abdurrahmoni Jomi. - Calcutta: Lisoy, 1858. - 878 p.